УДК 69 (91) (575,3)
ББК 38.3
Ф.22

# РУШДИ АСОСҲОИ КОНСЕПТУАЛИИ БАҲИСОБГИРИИ ИДОРАКУНӢ ДАР СОХТМОН

***Файзиева Нигина Ғуфронҷоновна*** *- муаллимаи кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров", e-mail: nuriddin-1512@mail.ru*

# РАЗВИТИЯ КОНЦЕПТУАЛЬНЫХ ОСНОВ УПРАВЛЕНЧЕСКОГО УЧЕТА В СТРОИТЕЛЬСТВЕ

***Файзиева Нигина Гуфронджоновна*** *- преподаватель кафедры бухгалтерский учет и аудит ГОУ "ХГУ имени академика Б.Гафурова",e-mail: nuriddin-1512@mail.ru*

# DEVELOPMENT OF THE CONCEPTUAL FOUNDATIONS OF MANAGEMENT ACCOUNTING IN CONSTRUCTION

***Fayzieva Nigina Gufronjonovna*** *- Senior Lecturer, Department of Accounting and Audit, State Educational nstitution KSU named after Academician B.Gafurov e-mail: nuriddin-1512@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *баҳисобгирии идоракунӣ, баҳисобгирии муҳосибӣ, сохтмон, зернизоми баҳисобгирӣ, усули баҳисобгирии идоракунӣ, корхонаҳои сохтмонӣ, баҳодиҳӣ.*

*Дар мақола дар асоси омузиши адабиёт илмӣ самтҳои асосии рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар сохтмон таҳлил карда шудааст. Хусусиятҳои соҳавии сохтмон таҳқиқ карда шудаанд, ки ба рушди баҳисобгирии идоракунӣ таъсир расонида, самтҳои инкишофи онро дар шароити имруза муайян мекунанд. Дар асоси омӯзиши хусусиятҳои соҳавию технологии иҷроиши корҳои сохмонию васлгарии соҳаи сохтмон вазифаҳо, сохтор ва методикаи ташкили баҳисобгирии идоракунӣ пешниход карда шудааст, ки ҳангоми дар амал татбиқ намуданд метавонад талаботҳои иттилоотии менеҷменти сатҳи гуногунро қонеъ намояд.*

***Ключевые слова:*** *управленческий учет, бухгалтерский учет, строительство, подсистема учета, метод управленческого учета, строительные организации, оценка.*

*В статье, на основе изучения литературы, проанализированы основные направления развития управленческого учета в строительстве. Исследованы особенности строительной отрасли, влияющие на развитие управленческого учета и определяющие направление его развития в современных условиях. На основе изучения отраслевых и технологических особенностей выполнения строительно-монтажных работ в строительной отрасли предложены задачи, структура и метод организации управленческого учета, которые при реализации на практике могут удовлетворить информационные потребности различных уровней управления.*

***Key words:*** *management accounting, accounting, construction, accounting subsystem, management accounting method, construction organizations, valuation.*

*The article dwells on the literature, the article analyzes the main directions of development of management accounting in construction. The features of the construction industry that influence the development of management accounting and determine the direction of its development in modern conditions are studied. Based on the study of sectoral and technological features of construction and installation works in the construction industry, the tasks, structure and method of organizing management accounting are proposed, which, when put into practice, can satisfy the information needs of various levels of management.*

Назарияи баҳисобгирии идоракунӣ дар ҳоли рушд қарор дорад. Ҳам олимон ва ҳам кормандони соҳа якдилона нақши пешбарандаи баҳисобгирии идоракуниро дар корхонаҳо эътироф мекунанд, зеро татбиқи он ба фаъолияти самаранок мусоидат мекунад. Баҳисобгирии идоракуниро перспективӣ мешуморанд, ки дар тиҷорат барои фаъолият дар муҳити рақобат пурра истифода намешавад.

“Иттилооти баҳисобгирии идоракунӣ барои идоркунии ҷорӣ ва стратегии фаъолияти корхона ва сегментҳои он истифода карда мешавад ....” [23, с.18].

Муқаррароти асосии консепсияи баҳисобгирии идоракунӣ дар асарҳои муаллифони маъруфи хориҷӣ ба монанди: А.Апчерч, Э.А. Аткинсон, Р. Гаррисон, К. Друри, К. Уорд, Ч. Хорнгрен, Ҷ. Фостер ва дигарон баррасӣ шудааст [3; 4; 13; 14; 33; 35 ва ғ.].

Барои кишварҳои пасошӯравӣ баҳисобгирии идоракунӣ як падидаи нисбатан нав аст. Дарвоқеъ, дар давраи мавҷудияти иқтисодёти директивӣ зарурат ба он набуд, зеро чунин падидае ба мисли рақобат вуҷуд надошт. Дар фазои пасошӯравӣ дар таҳқиқи масъалаҳои баҳисобгирии идоракунӣ ва рушди он олимон С.В. Булгакова, М.А. Вахрушина, В.Б. Ивашкевич, С.Д. Каверина, Т.П. Карпова, В.Ф. Палий, С.А. Рассказова-Николаева, А.Ю. Соколов, Я.В. Соколов, В.И. Ткач ва дигарон саҳми назарраси худро гузоштаанд [8; 11; 17; 18; 19; 27; 28; 30; 31; 32].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷӯҳ ба ғояҳои баҳисобгирии идоракунӣ дар ибтидои солҳои 2000 -ум дар робита бо равандҳои тағйирёбанда дар иқтисод ва пайдоиши шароити нави иқтисодӣ: тамоюли фаъолияти ба фоида нигаронидашуда, кор дар муҳити рақобат ва амсоли онҳо афзоиш ёфт. Дар ин замина, маълумот дар бораи вазъи корхона ва равандҳои дохилӣ арзиши бештар пайдо мекунад.

Миёни олимони тоҷик, ки ба масъалаи рушди баҳисобгирии идоракунӣ кор кардаанд, таҳқиқотҳои олимони зерин маълуманд, Бобиев И.А., Бобоев М.У., Бобоев Ш.Н., Калемуллоев М.В., Низомов С.Ф., Розиев Д.А., Файзуллоев А.Х., Хушвахтзода Қ.Х. ва дигарон. Қайд кардан ба маврид аст, ки дар таҳқиқи масъалаҳои баҳисобгирии идоракунӣ саҳми мактаби илмии баҳисобгирии идоракунии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҷойи намоёнро ишғол мекунад. Ба нуқтаи назари Бобоев М.У. “... дар базаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мактаби илмӣ дар ин самт ташаккул ёфта истодааст” [6, с. 24].

Новобаста аз таҳқиқотҳои анҷомдода дар миёни ҳам олимони хориҷӣ ва ҳам ватанӣ оид ба фаҳмиши истилоҳи “баҳисобгирии идоракунӣ” ягонагӣ мавҷуд нест. Дар адабиёти иқтисодӣ оид ба мундариҷаи консепсияи баҳисобгирии идоракунӣ андешаҳои гуногун пешкаш гардидааст. Ҷанбаи мазкур дар асарҳое таъкид шудааст, ки таърифи баҳисобгирии идоракуниро ба низом медороранд. Онро бо: (1) ҷараён [3, с. 43; 4, с. 26; 20, с. 7]; (2) система бо мушаххасоти "ҳамгиро", "иттилоотӣ", "баҳисобгирӣ-иттилоотӣ" [5, с. 23; 10, с. 108-109; 12, с. 16; 18, с.56-57; 21, с 23; 25, с. 15; 26, с. 15]; (3) зернизоми баҳисобгирӣ [1, с. 35-36; 7, с. 10; 19, с. 25; 34, с. 10] ё (4) соҳаи дониш ва намуди алоҳидаи баҳисобгирӣ [16, с. 23; 29, с. 6] муайян мекунанд. Воқеаи хеле муҳим дар рушди баҳисобгирии идоракунӣ қабули Принсипҳои байналмилалии баҳисобгирии идоракунӣ аз ҷониби ду ассотсиатсияи бонуфузи баҳисобгирии ҷаҳон: Институти амрикоии муҳосибони касбии сертификатдор (AICPA) ва Институти сертификатдори муҳосибони идоракунӣ (CIMA), мақоми хоса дорад. Дар ҳуҷҷат баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун "ҷустуҷӯ, таҳлил, интиқол ва истифодаи иттилооти молиявӣ ва ғайримолиявии марбут ба қабули қарорҳо барои ташкил ва нигоҳ доштани арзиши ташкилот" муайян шудааст [22].

Ба андешаи мо, таърифи баҳисобгирии идоракунӣ, ки дар принсипҳои байналмилалии баҳисобгирии идоракунӣ пешниҳод шудааст, самти ҳадафи онро ба таври возеҳ нишон медиҳад, ки барои рушди минбаъдаи он муҳим аст, сарфи назар аз он, ки он танзимнашуда ва дар муҳити динамикии субъектҳои хоҷагидорӣ мавриди ҷустуҷӯ қарордошта ба шумор меравад. Аз ин рӯ, мо чунин тахмин мекунем, ки бо пайдоиши принсипҳои байналмилалии баҳисобгирии идоракунӣ, заминаҳои мавриди назар қарор додани мафҳуми баҳисобгирии идоракунӣ бояд дар манбаъҳои танзимкунандаи миллӣ ташаккул ёбад. Баҳисобгирии идоракунӣ, дар баробари омода кардани иттилооти молиявӣ ва ғайримолиявӣ дар бораи фаъолияти корхона барои истифодабарандагони дохилӣ, ҳамзамон ба низоми идоракунии корхона, ки тавассути қабули қарорҳои дар доираи ваколаташон қабулнамудаи роҳбарони сатҳҳои гуногуни идоракунӣ, аз ҷумла онҳое, ки дар вазифаҳои гуногуни идоракунии корхона кор мекунанд, амалӣ карда мешавад, хизмат мерасонад. Ҳамин тавр, мо бо ақидаи он муҳаққиқоне, ки баҳисобгирии идоракуниро дар мазмуни васеъаш эътироф мекунанд, ҳамфикр ҳастем, яъне ҳамчун низоме, ки дар худ зернизом ва усулҳои гуногуни идоракуниро ҳамгиро намуда, онро барои расидан ба стратегияи амалиётии гузошташуда равона месозад.

Ба ақидаи мо, баҳисобгирии идоракунӣ соҳаи дониш ва фаъолият буда, низоми ҳамгироии бо ҳам алоқаманде, ки унсурҳои муташаккили ба худ хосро доро буда, иттилооти молиявӣ ва ғайримолиявиро бо мақсади қабули қарорҳои фаврӣ, тактикӣ ва стратегии идоракунӣ таъмин менамоянд, ки ба менеҷерон барои иҷроиши функсияҳояшон зарур аст, ифода мекунад.

Ҷонибдорони ин равиш бар он ақидаанд, ки дар асоси иттилооти ҷамъоварӣ ва омодашуда вазифаҳои низоми идоракунии корхона, чун банақшагирӣ, ташкил, баҳодиҳӣ ва назорати фаъолияти

истеҳсолӣ, назорат ва баҳодиҳии умумии фаъолияти корхона ва идоракунии он ба ҷо оварда мешаванд. Низомов С.Ф. қайд мекунад, ки "ҷудокунии баҳисобгирии идоракунӣ чун фанни илмӣ пеш аз ҳама хосияти консептуалӣ дошта, барои рушди назария ва методологияи баҳисобгирӣ, татбиқи амалӣ ва ҳалли масъалаҳои идоракунии субъектҳои хоҷагидорӣ, новобаста аз тобеияти соҳавии онҳо, дар шароити мутобиқгардии онҳо ба бозор ва номуайянӣ арзишнок мебошад" [24, с. 23]. Вобаста ба ин, маасъалаҳои баҳисобгирии ҷараёнҳои тиҷоратӣ, назорати идоракунӣ, баҳисобгирии стратегӣ, таҳлил дар доираи баҳисобгирии идоракунӣ ҳаллу фасл карда мешаванд. Бинобар ин, баҳисобгирии идоракунии ҳамгиро доимо бо тағйирёбии талаботи вақт дигаргун шуда, афзалиятҳои вазифаҳои идоракунӣ ва баҳисобгирии муҳосибӣ ҳамгиро мекунад, самтҳои таваҷҷуҳи вазифаҳои гуногуни идоракунӣ дар алоқамандии байниҳамдигарӣ ҷо ба ҷо гузошта мешаванд.

Гуногунвариантии шарҳдиҳии мафҳуми баҳисобгирии идоракунӣ мушаххас кардани "усули баҳисобгирии идоракунӣ"-ро тақозо мекунад. Дар адабиёт усули баҳисобгирии идоракунӣ гуфта маҷмӯи усулҳои мухталифро дар назар доранд, ки тавассути он объектҳои корхона дар низоми баҳисобгирии идоракунӣ инъикос мeёбанд [1, с. 96-97; 2, с. 38; 9, с 15; 19, с. 31-33].

Муаллифон муҳтавои мафҳуми усули баҳисобгирии идоракуниро ошкор намуда, дар бораи унсурҳои таркибии он ақидаҳои худро баён намудаанд. Маълумот оид ба нуқтаи назари олимони муосири баҳисобгирӣ оид ба усулҳои баҳисобгирии идоракунӣ дар ҷадвали 1 оварда шудааст.

*Ҷадвали 1. Нуқтаи назари олимон ба таркиби унсурҳои усули баҳисобгирии идоракунӣ ва муқоисаи онҳо бо муайянкунии усули баҳисобгирии бухгалтерӣ*

| *№ р/т* | *Номгӯи унсур* | *Муаллиф, манбаъ* | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | *Адамов Н.А. [1,с. 97]* | *Булгакова С.В. [10, с. 15]* | *Карпова Т.П. [19, с. 33]* | *Низомов С.Ф. [26, с. 17]* | *Каверина О.Д. [18, с. 53-54]* | *Усули баҳисобгирии муҳосибӣ* |
| 1 | Ҳуҷҷаткунонӣ | + | + | + | + | + | + |
| 2 | Барӯйхатгирӣ | + | + | + | + | + | + |
| 3 | Баҳодиҳӣ | + | + | + | + | + | + |
| 4 | Арзишмуайянкунӣ | + | + | + | + | | + |
| 5 | Ҳисобҳо | + | + | + | + | | + |
| 6 | Навишти дутарафа | + | + | + | + | | + |
| 7 | Гурӯҳбандӣ ва ҷамъбасткунӣ | + | + | + | | | + |
| 8 | Ҳисобҳои назоратӣ | + | + | + | + | | + |
| 9.1 | Бамеъёрдарорӣ | + | + | + | + | + | |
| 9.2 | Маҳдудият | + | - | - | | | |
| 10 | Банақшагирӣ | + | + | + | + | | |
| 11 | Пешгӯинамоӣ | | + | + | | | |
| 12.1 | Назорат (маҳдудиятҳо) | | - | + | | | |
| 12.2 | Назорат | + | + | - | + | | |
| 13 | Таҳлил | + | + | + | + | | |
| 14 | Ҳисоботи тавозунӣ ва идоракунӣ | | + | | + | + | + |
| 15 | Унсурҳои омор (усули индексӣ, қаторҳои динамикӣ ва ғ.) | | + | | + | + | |
| 16 | Усулҳои таҳлили иқтисодӣ (таҳлили омилӣ, маржиналӣ, функсионалӣ-арзишӣ ва ғ.) | | + | | + | + | |
| 17 | Усулҳои риёзӣ (таносуб, барномасозии хаттӣ, квадратҳои хурдтарин ва ғ.) | | + | | + | + | |

Маълумоти ҷадвал нишон медиҳад, ки сохтори усули баҳисобгирии идоракунӣ тамоми унсурҳои баҳисобгирии молиявӣ-ро дар бар мегирад.

Гуфтаҳои боло имкон медиҳад чунин хулосабарорӣ кунем. Якум, мафҳуми усули баҳисобгирии идоракунӣ нисбат ба усули баҳисобгирии молиявӣ васеътар аст.

Баҳисобгирии идоракунӣ аз унсурҳое, ки дар баҳисобгирии бухгалтерӣ маъмуланд, фарохтар рафта, дар соҳаҳои дигари фаъолият бо иттилооти визуалӣ-таҳлилӣ, яъне: банақшагирӣ ва буҷетикунонӣ, назорат, таҳлил ва монанди инҳо паҳн мешавад. Вобаста ба ин, қайд кардани нуқтаи назари С.В. Булгакова хеле бамаврид аст. Муаллиф мундариҷаи усули баҳисобгирии идоракуниро дар асоси таҳлили асарҳои олимони рус аз консепсияҳои баҳисобгирии идоракунӣ ва назорати Акчурина Е.В., Вахрушина М.А., Карпова Т.П., Керимов В.Э., Николаева С.А., Соколов Я.В., Шеремет А.Д. ва дигарон усулҳои баҳисобгирии идоракуниро ба низом даровarда, онҳоро ба се гурӯҳи калон тақсим кардааст: баҳисобгирӣ (баҳисобгирӣ-арзишмуайянкунӣ), таҳлилӣ (идоракунӣ) ва назоратӣ [9, с. 14-15].

Ин ҷанба бо натиҷаҳои таҳқиқот оид ба истифодаи воситаҳои баҳисобгирии идоракунӣ аз ҷониби корхонаҳо дар амал татбиқ карда мешавад. Муҳаққиқ С.Ф. Низомов қайд мекунад, ки дар аксари корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳисобгирии идоракунӣ пеш аз ҳама чун баҳисобгирии хароҷот ва низоми баҳисобгирии идоракунӣ чун баҳисобгирии хароҷот ва тақсимкунии онҳо ба марказҳои масъулият, намудҳои корҳои иҷрошуда фаҳмида мешавад. Ба ақидаи муаллиф “... мақом ва нақши идоракунии хароҷот бузург аст, - низоми баҳисобгирии хароҷотро дар корхона дигар карда, метавон ба натиҷаи молиявӣ таъсири муҳим расонид. Аммо ҳадафи баҳисобгирии идоракунӣ равона кардани раванди идоракунӣ ба ноилгардии на танҳо ба ҳадафҳои тактикӣ, инчунин ҳадафҳои стратегии корхона мебошад. Аз ин сабаб низоми баҳисобгирии идоракунӣ бояд на танҳо иттилоотро оид ба хароҷот, инчунин иттилоотро дар бораи рақибон, харидорон, сифати маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо), самаранокии сохтори ташкилии корхона, усулҳои ҳавасмандкунии кормандон, баҳодиҳии вазъи муҳити беруна ва дигарҳоро низ дар бар гирад” [24, с. 28]. Дар баробари ин, ҳангоми амалинамоии қарорҳои идоракунӣ аксарияти роҳбарон аз набудани иттилооти баҳисобгирӣ-таҳлилӣ, ки ҷараёнҳои ҳақиқии молиявӣ ва истеҳсолӣ-иқтисодии корхонаро дар вақти қабули қарори идоракунӣ тавсиф менамояд, танқисӣ мекашанд. Пурсиши шунавандагони курси бозомӯзии Институти ҷамъиятии муҳосибон ва аудиторони касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар корхонаҳо фаъолияти касбӣ доранд (муҳосиб, иқтисодчӣ) нишон дод, усулҳои маъмултарин, ки беш аз 50% пурсидашудагон истифода кардаанд: 1) банақшагирӣ (буҷетикунонӣ) (буҷетикунонии амалиётӣ, буҷетикунонии меъёрӣ), 2) воситаҳои дастгирии қабули қарорҳо (усулҳои миқдорӣ, нархгузорӣ), 3) воситаҳои таҳлили арзиши аслии маҳсулот (арзишмуайянкунии муқаррарӣ ва тақсими хароҷоти барилова), 4) воситаҳои баҳодиҳии маҳсулнокӣ. Усулҳои на он қадар паҳншудае, ки 10%- и корхонаҳои таҳқиқшуда истифода мекунанд, таҳлили маржиналӣ ва занҷири бавуҷудоии нарх, арзишмуайянкунии занҷири таъминот, назарияи маҳдудиятҳо, калкулятсияи мақсаднок, низоми директ-костинг, идоракунии арзиш, низоми нишондиҳандаҳои мувозинашуда. Ин нишон медиҳад, ки дар корхонаҳои ҷумҳурӣ он қадар усулҳои муосири баҳисобгирии идоракунӣ ба таври васеъ истифода карда намешавад. Сабаби ин омилҳои зерин мебошад. Якум на ҳамаи роҳбарон ва муҳосибон моҳияти низоми баҳисобгирии идоракуниро хуб дарк кардаанд, дуввум, надоштани дониши баланд ва сатҳи пасти касбии мутахасисон, сеюм, набудани дастурҳои илмӣ-методӣ оид ба ташкили баҳисобгирии идоракунӣ, ки тамоми ҷанбаҳои фаъолияти корхонаро фаро мегирад, чаҳорум, номуайянии танзими баҳисобгирии идоракунӣ аз тарафи мақомоти дахлдор ва ташкилотҳои ҷамъиятҳои касбӣ. Ба замми ин сатҳи пасти касбияти менеҷменти корхонаҳои сохтмонӣ.

Дуюм, олимон одатан ҳангоми муайян кардани унсурҳои усули баҳисобгирии идоракунӣ чунин унсурҳои муҳимро, ба монанди навишти дутарафа ва хароҷотро ба назар намегиранд. Асосан ин равиш дар кори тарафдорони баҳисобгирии идоракунии алоҳида ба назар мерасад. Дар муқобили шаҳодатҳои сершумори олимон, ҳастанд онҳое, ки ҳангоми коркарди иттилоот барои таъиноти дохилӣ ба арзишмуайянкунӣ диққати ҷиддӣ медиҳанд. Имкониятҳои таҳлилии баҳисобгирӣ ҳангоми истифодаи усулҳои ғайримуқаррарии баҳисобгирии хароҷот ва арзишмуайянкунӣ, ба монанди директ-костинг, стандарт-костинг, АВкостинг, таргет-костинг ё кайзер-костинг хеле васеъ мешаванд [18, с. 110-184]. Аммо, ба андешаи мо, маълумоти дар ҷадвали 1 овардашуда бо вуҷуди он ки тафовути ақидаҳоро дар байни олимон нишон медиҳад, ҳамдигарро пурра месозанд ва рӯйхати такмилдодашударо ташкил медиҳанд.

Бо назардошти он ки доираи иттилоотии ҳар як корхона хусусияти инфиродӣ дорад ва он омилҳои мухталифро ба вуҷуд меорад, ташкили низоми баҳисобгирии идоракуниро дар доираи соҳаи муайяни фаъолияти иқтисодӣ баррасӣ кардан мувофиқи мақсад аст, ки он сатҳи номуайяниро дар ин самт коҳиш медиҳад.

Мутобиқгардонии методикаҳои умумӣ ба соҳаҳои махсус барои татбиқи таҳияи назариявии он дар амалия хеле муҳим аст ва он имконият фароҳам меорад, ки таҷрибаи пешқадами дар соҳаи

баҳисобгирии идоракунӣ бавуҷудомада мутобиқ гардонида шавад. Зарурати баҳисобгирии ҷанбаи соҳавӣ дар корҳои [15; 25]. ва дигарон таъкид шудааст, ки хусусияти маҳз соҳаи сохтмонро фаро мегирад. Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, таҳқиқоти диссертатсионӣ ба ҳамон ҷанбаҳои баҳисобгирӣ нигаронида шудааст, ки чӣ хеле ки дар расми 1. оварда шудааст, дар чаҳорчӯбаи чаҳор соҳа қарор доранд.

Дар аксарияти ин интишоротҳо қайд карда шудааст, ки баҳисобгирӣ дар як сатҳ аз таъиноти корхона, миқёси он, хусусияти ҷараёнҳои технологӣ, усулхои ташкили кор, намуди маҳсулоти истеҳсолшаванда ва дигар шароитҳо хело вобастагӣ дорад. Вале бо ҳамин масъалаи баррасии масъалаи мазкур хотима меёбад. Дар санадҳои меъёрӣ–ҳуқуқӣ номбар карда намешавад, ки дар сохтмон ин хусусиятҳои чи тавр ба инобат гирифт.




*Расми 1. Таъсири мутақобилаи соҳаҳои функсионалӣ, ки маркази баҳисобгирии идоракунии корхонаҳои соҳаи сохтмонро ташкил медиҳанд*

Бояд қайд намуд, ки сохтмон аз нуқтаи назари сохтори ташкилӣ хеле фаъолияти мураккаб ва динамикӣ мебошад, вобаста ба ин низоми баҳисобгирии идоракунӣ бояд ба ошкоркунии "нуқтаҳои ҳасосӣ" фаъолияти корхонаи сохтмонӣ бо мақсади кам кардани муддати вақте, ки барои бино кардани объекти сохтмон заруранд, равона созад. Вале то ҳол пояи иттилоотии баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои сохтмонӣ ба талаботҳои менеҷменти сатҳи гуногун мувофиқат намекунад ва хусусияти фаъолияяти онҳоро инъикос наменамояд.

Яке аз самтҳои муҳими баҳисобгирии идоракунӣ дар сохтмон баҳисобгирии хароҷот башумор меравад. Он бояд чунин ташкил карда шавад, ки таҳияи сметаи буҷетии дақиқ ба миқдор ва сифати корҳои сохтмонӣ мувофиқ, инчунин нархҳои амалкунандаро таъмин намояд ва ҳамин тавр ба ташкили идоракунии самараноки хароҷот дар сохтмон мусоидат намояд.

Вобаста ба ин баҳисобгирии хароҷоти истеҳсолӣ аз рӯи намуд, ҷойи бавуҷудоӣ, сегментҳо, бизнес–ҷараёнҳо ва объектҳои арзишмуайянкунӣ дар давраи ҳозира хеле мубрам мебошад. Ин бо он алоқаман мебошад, ки дар шароити рақобати бозор менеҷменти корхона ба иттилоот барои банақшагирӣ, идоракунӣ ва назорат аз болои фаъолияти хоҷагӣ ниёз доранд. Иттилооти мазкурро дар асоси ҷорӣ намудани усулҳои нави прогресивии баҳисобгирӣ ва арзишмуайянкунии хароҷот, ҳисобкунии натиҷаҳои молиявӣ ва роҳҳои афзоиш додани фоида аз фаъолияти амалиётӣ гирифтан мумкин аст. Он бояд корхонаро бо иттилооти зарурӣ таъмин намуда, имконият медиҳад, ки банақшагирӣ, пешгуикунӣ, таҳлил ва нархгузорӣ мувофиқа карда шавад.

Вале ҳолати кунунии баҳисобгирӣ дар сохтмон барои истифодабарии низоми баҳисобгирии идоракунӣ шароит фароҳам намеорад. Барои он ки дар сохтмон он ҷорӣ карда шавад, бояд як қатор тағйиротҳои ҷиддӣ ҳам дар низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳам дар ҷараёни таҳияи сметаҳо барои корҳои сохтмонӣ амалӣ карда шаванд.

Ин бо он алоқаманд аст, ки дар корхонаҳои сохтмонӣ истифода намудани сатҳи миёнаи соҳавии хароҷоти доимиро мумкин нест. Он дар корхонаҳои сохтмонӣ аз сабаби махсусияти сохтмон (саноатӣ, манзил, роҳсозӣ, гидротехникӣ, маданӣ–маишӣ, объектҳои гуногун ва ғ.) ва миқдори гуногуни корҳои иҷрошаванда (бетонрезӣ, васлкунӣ, пардозӣ, зеризаминӣ ва ғ.) гуногун мебошад. Дар навбати худ, омилҳои номбаршуда сабаби гуногунии масолеҳғунҷоишӣ, меҳнатталабӣ, механиконидан ва сарфаи воситаҳои молиявӣ гардида ба андозаи хароҷоти доимӣ таъсир мерасонанд.

Дар асоси маълумот оид ба хароҷот дар сохтмон иттилоот оид ба арзиши аслии дар ҷараёни банақшагирии ҷорӣ ва стратегӣ истифодашаванда ташаккул меёбад, нархи фуруши корҳои иҷрошуда муқаррар карда мешавад, дар ин сурат ташаккули итилооти эътимод оид ба сохтори арзиши аслии ҳар як намуди корҳои сохтмонӣ ва фармоишҳо аҳмияти муҳим дорад. Маҳз сохтори арзиши аслӣ аз руи

ҳар як қитъаи мушаххас, хароҷот аз руи объект, марҳила, фармоиш барои дастгоҳи идоракуни корхонаи сохтмонӣ аҳамияти махсус дорад.

Дар даврони шӯравӣ барои баҳисобгирии хароҷот ва арзишмуайянкунӣ тавсияҳои соҳавӣ ва дастурамалҳои намуннавӣ истифода мешуданд, ки истифодабарии онҳо барои тамоми корхонаҳои сохтмонӣ ҳатмӣ буд. Хотиррасон мекунем, ки маҳз дар ин ҳуҷҷатҳо ба таври васеъ хароҷоти корхонаҳои сохтмонӣ, ки зиёда аз си номгуйи хароҷот ва аз руи чор унсур гурӯҳбандӣ кард шудаанд:

- “Масолеҳҳо”;
- “Хароҷоти музди меҳнати коргарон”;
- “Хароҷот барои нигаҳдорӣ ва имтифодабрии мошинҳо ва таҷҳизоти сохтмонӣ”;
- “Хароҷоти барилова”.

Вале бо пошхурии шӯравӣ ва гузариш ба иқтисоди бозорӣ ин тавсияҳои соҳавӣ ва дастурамали намуннавӣ эътибори худро гум кардаанд ва ба ҷои онҳо ягон дастурамали соҳавии нав таҳия карда шуд. Дар баробари ин дар соҳаи сохтмон якбора аз равишҳои маъмулии баҳисобгирӣ даст кашидан мумкин нест, зеро дар соҳаи таҳқиқшаванда аксар вақт технология истифода мешавад, ки пештар истифода мешуданд. Албатта, чунин технологияҳо ба мурири вақт бо бавуҷуд омадани масолеҳҳои нав ва техникаи пешрафта дигаргун мешаванд. Бинобар ин, равиши умумӣ ба ташаккули арзиши аслии корҳои сохтмонӣ чи хеле ки дар дастурҳои соҳавӣ ва дастурамалҳои намуннавӣ эътибори худро гум карда буданд, боқӣ мемонад ва метавонад дар баҳисобгирии идоракунии хароҷот истифода карда шаванд.

Аз сабаби он ки масъалаи баҳисобгирии идоракунӣ барои иштирокчиёни сохтмони асосӣ аҳамияти хоса пайдо кардааст, зарурати коркарди тавсияҳо ва дастурамали намуннавии соҳавӣ барои корхонаҳои сохтмонӣ пеш омадааст. Ба ақидаи мо, кори мазкур бояд ба принсипҳои зерин асос ёбад. Якум, тавсияҳо ва дастурамали соҳавӣ бояд ба санадҳои меъёрии танзимкунандаи баҳисобгирии муҳосибӣ мухолифат накунад. Дуввум, ин хуккатҳо бояд таъминоти методологӣ ва низоми реламентатсияи баҳисобгирии идоракунии хароҷотро бо назардошти хусусияти соҳавии сохтмон мутахасисонро таъмин намояд.

Ҳамин тавр, қоидаҳо ва принсипҳои дар тавсияҳо ва дастурамали соҳавӣ муқарраршуда бояд ташаккули нишондиҳандаҳои иттилоотии боэътимоди баҳисобгирии идоркунӣ, арзишмуайянкунӣ ва ҳисоботи идоракуниро таъмин намояд.

## ПАЙНАВИШТ


1. Адамов, Н.А. Организация управленческого учета в строительстве /Н.А. Адамов, В.Е. Чернышёв. – СПб.: Питер, 2006. – 192 с.
2. Бобоев, М.У. Управленческий учет на предприятиях легкой промышленности Республики Таджикистан: автореф. дис. на соиск. уч. степ. кан. экон. наук. Моск. гос. ун-т им. М.В. Ломоносова. Москва, 2009. - 21 с.
3. Вахрушина, М.А. Бухгалтерский управленческий учёт: учебник / М.А. Вахрушина. – 5-е изд., стереотип. – М.: ИКФ Омега-Л, 2006. – 576с.
4. Гаррисон, Р. Управленческий учет / Р. Гаррисон, Р. Норин, П. Брюэр. – 12-е изд. – СПб.: Питер, 2010. – 592 с.
5. Зубарева, Е.В. Теория и методология оперативного учета и контроля в системе управления строительных организаций: автореф. дис. на соиск. уч. степ. док. экон. наук. Москва – 2009. – 50 с.;
6. Ивашкевич, В.Б. Бухгалтерский управленческий учет. М.: Экономистъ, 2004. - 638 с.
7. Ивашкевич, В.Б. Бухгалтерский управленческий учет: Учеб. для вузов. – М.: Юристъ, 2003. - 618 с.
8. Карпова, Т.П. Управленческий учёт: учебник для вузов / Т.П. Карпова. – М.: ЮНИТИ- ДАНА, 2004. – 351 с.
9. Кукукина, И.Г. Управленческий учет: учеб. пособие.- М.: Финансы и статистика, 2004.- 400 с.
10. Кулишева, И.Б. Организация управленческого учета на предприятиях строительного комплекса. М.: «Оргсервис», 2004. - 82с.
11. Международные принципы управленческого учёта [Електронний ресурс]./: Институт присяжных бухгалтеров в области управленческого учёта. – Лондон, 2015. – Режим доступу: https://www.cimaglobal.com/EmailFiles/images/regions/russia/GMAP_RU.pdf
12. Низомов, С.Ф. Развитие методологии и организации управленческого учета в строительном комплексе (на примере Республики Таджикистан) автореферат дис. доктора экон. наук / Моск. гос. ун-т им. М.В. Ломоносова. Москва, 2011,- 45 с.
13. Низомов, С.Ф. *РАЗВИТИЕ* методологии *И ОРГАНИЗАЦИИ УПРАВЛЕНЧЕСКОГО* учета *В* строительном комплексе (на примере Республики Таджикистан): дисс. на соис. уч. степ. докт. экон. наук. Москва, 2011. - 360 с.

14. Низомов, С.Ф. Управленческий учет и контроль в строительстве: теория, методология и практика [Текст]: монография/ С.Ф. Низомов - Душанбе: «Сохибкор», 2013. - 272с.

REFERENCES

1. Adamov, N.A. Organization of management accounting in construction / N.A. Adamov, V.E. Chernyshev. - SPb.: Piter, 2006. - 192 p.
2. Boboev, M.U. Management accounting at light industry enterprises of the Republic of Tajikistan: Ph.D. dis. for the competition uch. step. can. economy Sciences. Moscow state un-t im. M.V. Lomonosov. Moscow, 2009. - 21 p.
3. Vakhrushina, M.A. Accounting management accounting: textbook / M.A. Vakhrushin. – 5th ed., stereotype. – M.: IKF Omega-L, 2006. – 576p.
4. Harrison, R. Management accounting / R. Harrison, R. Norin, P. Brewer. – 12th ed. - St. Petersburg: Peter, 2010. - 592 p.
5. Zubareva, E.V. Theory and methodology of operational accounting and control in the management system of construction organizations: author. dis. for the competition uch. step. doc. economy Sciences. Moscow - 2009. - 50 p.;
6. Ivashkevich, V.B. Accounting management accounting. M.: Economist, 2004. - 638 p.
7. Ivashkevich, V.B. Accounting management accounting: Proc. for universities. - M.: Jurist, 2003. - 618 p.
8. Karpova, T.P. Management accounting: a textbook for universities / T.P. Karpov. - M.: UNITI-DANA, 2004. - 351 p.
9. Kukukina, I.G. Management accounting: textbook. allowance.- M.: Finance and statistics, 2004.- 400 p.
10. Kulisheva I.B. Organization of management accounting at the enterprises of the construction complex. M .: "Orgservice", 2004. – 82p.
11. International principles of management accounting [Electronic resource]./: Institute of Chartered Accountants in the field of management accounting. - London, 2015. – Access mode: https: // www. cimaglobal. Com / E mail Files / images / regions / Russia / GMAP _ RU. pdf
12. Nizomov S.F. Development of methodology and organization of management accounting in the construction industry (on the example of the Republic of Tajikistan) abstract dis. Doctor of Economics Sciences / Moscow. state un-t im. M.V. Lomonosov. Moscow, 2011, - 45 p.
13. Nizomov S.F. Development of methodology and organization of management accounting in the construction industry (on the example of the Republic of Tajikistan): diss. on sois. uch. step. doc. economy Sciences. Moscow, 2011. - 360 p.
14. Nizomov S.F. Management accounting and control in construction: theory, methodology and practice [Text]: monograph / S.F. Nizomov - Dushanbe: "Sohibkor", 2013. - 272p.